6. Раванди таҳсилот ҳамчун ягонагии таълим ва тарбия. Қонуниятҳо, механизмҳо, хусусиятҳо ва шароитҳои раванди маҳсулнокӣ тарбиявӣ.

**Саҳми шахсии довталаб** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, муайян намудани объект ва масъалаи тадқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами тадқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда мебошанд. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯй маҳсуб мегарданд.

Илова бар ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсила ва барномаи ташаккули омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, як пурсишнома ва як тести таълимӣ барои санҷиши дараҷаи азхуднамоии донишҳои назариявии донишҷӯён коркард шудаанд.

**Тайид (апробация)-и диссертация.** Натиҷаҳои таҳқиқот, дар кафедраи психология ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии педагогии Тула ба номи Л.Н. Толстой ва кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардиданд.

Муҳтавои калидӣ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 10 мақола, ду монографияи коллективӣ ва як дастури методии муаллиф, инчунин дар маърӯзаҳои ӯ дар кофронсҳо ва семинарҳои гуногун дарҷ гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 зерфасл, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 196 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад. Матни диссертатсия 21 ҷадвал ва 8 расмро дар бар мегирад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъ, сатҳи пажӯҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмиву методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шуда, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Проблемаи омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** аз чор зерфасл иборат буда, ба таҳлили адабиёти илмӣ бахшида шудааст. Маводи омӯхташа заминаи назариявӣ-методологии тадқиқоти амалиро ташкил доданд.

Дар зерфасли аввал **«Тамоюлҳои муосир дар ташхис, таълим ва инкишофи лаёқати ақлӣ»** сатҳи пажӯҳиши мавзӯъро дар адабиёти педагогӣ-психологӣ таҳлил намуда истода, муайян намудем, ки раҳёфтҳои гуногун ба масъалаи мазкур вуҷуд доранд. Новобаста аз ин гуногунназарӣ ҳамаи муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки лаёқати ақлӣ сохтори системанок ва таркибиро соҳиб аст, ки тамоми ҷанбаҳои шасияти кӯдакро фаро гирифта, дар намудҳои гуногун зоҳир мегардад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар таҳқиқоти худ мо аз ибораи «кӯдаки аломатҳои лаёқати ақлидошта» истифода мебарем ва тарафдори ақидае ҳастем, ки дар ҳар як кӯдак аломатҳои муайяни қобилиятҳои ақлӣ мавҷуданд ва ба онҳо такя намуда, имкониятҳои ақлии кӯдакро ташаккулу рушд додан мумкин аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар аксари ҳолатҳо раванди муайяннамоӣ ва рушди лаёқати ақлӣ ҳам барои мутахассисон ва ҳам барои худи кӯдакони болаёқат душвориҳо эҷод мегарданд (Ю.Д. Бабаева, А.В., Кулемзина, Н.Б. Шумакова, Е.И. Шебланова, Ҷж.Фримен, В.С. Юркевич ва диг.).

Бартарафнамоии ин мушкилот танҳо дар сурати ҳамкории волидон, педагогҳо, худи кӯдакони нишонаҳои лаёқати ақлидошта ва психологи ботаҷриба, ки тавонад саривақт проблемаро ошкор намуда, дар дараҷаи баланди касбӣ ҳамроҳӣ ва дастгирии психологӣ-педагогии иштирокчиёни раванди таълим ва волидонро амалӣ гардонад, имконпазир мегардад.

Раҳёфтҳои гуногунро таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки раҳёфти психодидактии (таҳсилотӣ) бештар барои инкишофи аломатҳои лаёқати ақлии кӯдак мусоид аст. Тарафдорони раҳёфти мазкур (Н.К. Амонов[55], Р Атахонов[56]., Ҷ. Рензулли[57], Н.Б. Шумакова[58], В.С. Юркевич,

---

[55]Амонов Н.К. Психологические особенности развития математического мышления у учащихся 5-9 классов: диссертация ... кандидата психологических наук: 19.00.07. - Москва, 1992. - 129 с.

[56]Атаханов, Р. Мышление и интеллектуальная одарённость детей [Текст]/ Р. Атаханов //Одарённые дети Узбекистана. Тезисы выступлений к научно-практической конференции. – Термиз, 1992. – С. 17-19.

[57]Рензулли, Дж. Модель обогащения школьного обучения [Текст] / Дж. Рензулли, С. Райс // Одарённый ребёнок. – 2002. – №2. – С. 6-31.

[58]Шумакова, Н.Б. Обучение и развитие одаренных детей [Текст] / Н.Б. Шумакова. – М.: Моск.псих. -соц. ин-т.; Воронеж: МОДЭК, 2004. – 336 с.

В.И. Панов[59]) ба имкониятҳои фазои таълимӣ дар саривақт ошкор намудан ва инкишоф додани аломатҳои лаёқати ақлӣ такя мекунанд.

Дар зерфасли дуввум **«Проблемаҳои асоснокнамоии меъёр ва аломатҳои лаёқати ақлӣ»** зимни таҳлили раҳёфтҳои гуногун меъёр ва аломатҳои асосии лаёқати ақлӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар зерфасли сеюм **«Омодагии психологи муосир барои инкишофи фардияти кӯдаки дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар партави ҳалли масъалаи стандарти касбии педагог-психолог»** адабиёти марбута таҳлил гардида, мафҳумҳои асосии тадқиқотӣ дақиқ мегарданд.

Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ нишон дод, ки фаҳмишҳои гуногуни мафҳуми омодагӣ вуҷуд доранд: ҳамчун мавҷудияти қобилият (Б.Г. Ананев, В.А. Сластенин, В.Д. Шадриков); ҳамчун ҳолати муваққатии вазъиятӣ (Н.Д. Левитов); ҳамчун сифати шахс (А.Г. Ковалев, А.А. Деркач); ҳамчун муносибат ба фаъолият (В.А. Крутетский) ва ғ.

Равияҳои маъмули муосир ба масъалаи омодагӣ ин равияи шахсӣ (Б.Г. Ананев, Т.И. Воронова, А.А. Деркач, М.И. Дяченко, Л.А. Емельянова, Л.А., Кандибович В.А. Крутетский, В.К. Михайлова, В.Т. Мишкина, Е.А. Савченко В.Д. Шадриков, и др) ва функсионалӣ (Ф.Генов, Е.П.Илин, Н.Д. Левитов, Л.С. Нерсесян, В.Н. Пушкин, А.В. Самойлик и др.) мебошанд.

Дар таҳқиқоти муосир олимон омодагиро ҳамчун сифати таркибии шахсият шарҳ медиҳанд (Краснорядсева О.М., Лежнина Л.В., Черкасова С.А., Пазухина С.В. и др), ки сохтори мураккаби иборат аз ҷанбаҳои гуногуни ба ҳам алоқамандро соҳиб аст (В.И. Бочелюк, М. И. Дяченко, Г.С. Дунина, Г.Н. Жукова, Ю. М. Забродина, Л.А. Кандибович, З.А. Кулаевой, Л.М. Королева, Л.В. Лежанина, Б.Д. Паригина, А.С. Пуни, В.И. Погребенский, С.А. Черкасова ва диг.).

Масъалаи омодагӣ барои кор бо кӯдакони болаёқат аз ҷониби муҳаққиқон афзалан дар нисбати педагогҳои бо чунин кӯдакон коркунанда баррасӣ гаштааст. Оид ба сохтор ва мазмуни омодагии психологҳо барои кор бо кӯдакони болаёқат ва шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули он тадқиқоти системанок мавҷуд нестанд.

Бо дарназардошти таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ мо мафҳуми омодагии психологӣ-шахсии психологҳои ояндаро барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ҳамчун тавсифоти системанок ва таркибии психолог маънидод намудем, ки маҷмӯи ҷузъҳои шахсӣ, фаъолиятӣ ва маърифатиро фаро гирифта, барои амалигардонии фаъолияти босамар дар самти ҳамроҳии касбии оила, педагогҳо ва кӯдакон дар масъалаи ошкор намудани аломатҳои лаёқати ақлӣ дар кӯдакон ва инкишофи онҳо мусоидат мекунад.

Дар зерфасли чоруми боби аввал **«Сохтор ва мундариҷаи омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** зимни таҳлили раҳёфтҳои гуногун меъёр ва аломатҳои

[59]Панов, В.И. Одаренные дети: выявление – обучение – развитие [Текст] / В.И. Панов // Педагогика.– 2001. – №4. – С. 30-43.

асосии омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ҷудо карда мешаванд.

Боби дуюми диссертация **«Ҷанбаҳои методии ташхис ва ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** ба асосноккнамоии барномаи ташхиси омодагии психологӣ-шахсии психологҳоиояндаро барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ва тавсифи барнома ва амсилаи ташаккули он бахшида шудааст.

Зерфасли аввали боби дуюм **«Асоснокгардонии барномаи ташхисӣ барои муайяннамоии омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»**ба тавсифи барнома ва методикаҳои ташхисӣ бахшида шудааст.

Дар зерфасли дуюм **«Аамсилаи омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** тавсиф ва асосноккнамойии амсилаи ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта оварда шудааст.

Зерфасли сеюми боби дуюм **«Барномаи ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** ба тавсифи барномаи ташаккулдиҳанда бахшида шудааст.

Барои таҳқиқи омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ барномаи махсуси ташхисӣ тартиб дода шуд.

Барномаи ташаккули омодагӣ аз якчанд давра иборат аст:

**I давра** ташаккули омодагии шахсии донишҷӯён-психологҳо барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, инчунин ташаккул ва инкишофи сифатҳои касбию шахсии психологҳоро дар назар дорад. Дар ин давра тренинги психологӣ-педагогӣ гузаронида мешавад.

**II давра** ташаккули ҷанбаи маърифатии омодагии психологӣ-шахсии психологҳоиояндаро барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ пешбинӣ мекунад. Бо ин мақсад дар ҷараёни таълими психологҳои оянда курси махсуси «Асосҳои психологӣ – педагогии кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ» амалӣ карда мешавад.

**III давра** барои аз ҷониби донишҷӯён аз худ намудани маҳорат ва малакаҳои ҳамкорӣ бо иштирокчиёни раванди таълим, махсусан бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ пешбинӣ шудаанд. Дар ин давра, дар муассисаҳои таълимӣ таҷрибаомӯзии психологӣ-педагогӣ гузаронида мешавад.

Боби сеюми диссертатсия **«Омӯзиши таҷрибавӣ-озмоишии хусусиятҳои ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** ба тавсифи динамикаи шаклгирии шароитҳои ташаккул ва инкишофи омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ бахшида шудааст.

Зерфасли аввали боби сеюм **«Таҳлили натоиҷи тадқиқи зинаҳои ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** ба таҳлили давраҳои пилотӣ ва дақиқкунандаи озмоиш бахшида шудааст.

*Ҳадафи* ин давраи озмоиш баҳогузорӣ ба дараҷаи омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, баҳогузорӣ ба маҳсулнокии фанҳои аз ҷониби стандарти давлатӣ пешбинишуда дар ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ маҳсуб меёбад.

Дар давраи ҷустуҷӯии озмоиш 244 донишҷӯёни курсҳои 2 то 4 аз факултети психология ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тулаи ба номи Л.Н. Толстой, кафедраи психологияи ДМТ ва кафедраи психологияи амалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ширкат намуданд. Дар давраи санҷишӣ 79 донишҷӯи курси 4 ширкат намуданд.

Натиҷаҳои аз методикаҳои ташхисӣ бадастомада имконият доданд, ки зинаҳои ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои ояндаро барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ ошкор намоем (ҷадв. 1).

Чуноне ки аз ҷадвал аён аст, натиҷаҳо аз рӯи ҳамаи ҷузъҳои омодагии касбӣ-шахсӣ аз курси 2 то 4 моҳиятан фарқ надорад. Аз рӯи ҷузъҳои маърифатӣ ва фаъолиятӣ натиҷаҳо баландшавии нисбии натиҷаҳо мушоҳида мегарданд, аз рӯи ҷузъи шахсӣ бошад, фарқият кам ба назар мерасад.

**Ҷадвали 1**

**Теъдоди донишҷӯён (%) бо дараҷаҳои гуногуни ташаккули омодагии психологӣ-шахсӣ барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ**

| Курс | Ҷузъҳои омодагии касбӣ-шахсӣ ва зинаҳои ташаккулёбии он | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсӣ | | | Маърифатӣ | | | Фаъолиятӣ | | |
| | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
| 2 | 10 (4,1%) | 44 (18%) | 19 (7,8%) | 4 (1,5%) | 39 (16%) | 30 (12,3%) | 11 (4,5%) | 30 (12,3%) | 32 (13%) |
| 3 | 12 (4,9%) | 54 (22,1%) | 21 (8,3%) | 3 (1,2%) | 30 (12,3%) | 14 (8%) | 7 (2,%) | 38 (15,6%) | 42 (17,2%) |
| 4 | 16 (6,6%) | 45 (18,4%) | 23 (9,4%) | 15 (6,1%) | 53 (21,7%) | 26 (11%) | 15 (6,1%) | 31 (12,7%) | 38 (15,6%) |
| **Нишонди-ҳандаи умумӣ** | **38 (15,6%)** | **142 (58,2%)** | **63 (25,8%)** | **22 (9%)** | **122 (50%)** | **70 (29%)** | **33 (13,5%)** | **99 (40,6%)** | **112 (46%)** |
| **Балли миёна (%)** | **5,2** | **19,4%** | **8,6%** | **3** | **16,7** | **9,5** | **4,5** | **13,2** | **15,3** |

Таҳлили муқоисавии зинаҳои ташаккули омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ фарқияти ночизи натиҷаҳои таҳқиқотро нишон дод (ҷадв. 2 ва расми 1)

**Ҷадвали 2**

**Зинаҳои касбӣ-шахсии омодагии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар давраи озмоиши дақиқкунанда дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ**

| Зинаҳои омодагии касбӣ-шахсӣ | Давраҳои озмоиш | |
|---|---|---|
| | Дақиқкунанда ГО | Дақиқкунанда ГС |
| Баланд | 7 (8,3%) | 6 (7,1%) |
| Миёна | 15 (17,8%) | 17 (20,2%) |
| Паст | 20 (23,8%0 | 19 (22,6%) |




**Расми 1. Зинаҳои ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои лаёқати ақлӣ**

Барои асоснокии натиҷаҳои бадастомада мо маълумоти аз гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ бадастомадаро бо истифода аз меъёри $\chi^2$ коркард намудем (ҷадв. 3).

***Ҷадвали 3***

**Санҷиши омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои лаёқати ақлӣ дар давраи озмоиши дақиқкунанда тавассути меъёри $\chi^2$**

| Зинаҳои омодагӣ | Алтернативаҳо | $f$э | $f$т | ($f$э − $f$т) | ($f$э − $f$т)$^2$ | $\frac{(f\text{э} - f\text{т})^2}{f\text{т}}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Баланд** | **1.1** | **7** | **6,5** | **0,5** | **0,25** | **0,038** |
| | **1.2** | **6** | **6,5** | **-0,5** | **0,25** | **0,038** |
| **Миёна** | **2.1** | **15** | **16** | **-1** | **1** | **0,0625** |
| | **2.2** | **17** | **16** | **1** | **1** | **0,0625** |
| **Паст** | **3.1** | **20** | **19,5** | **0,5** | **0,25** | **0,0128** |
| | **3.2** | **19** | **19,5** | **-0,5** | **0,25** | **0,0128** |
| **Сумма** | | **84** | **84** | **0** | | $\chi^2$ **эмп. =0,226** |

Фарқияти бадастомада дар минтақаи номуҳим ҷойгир гашт, яъне $\chi^2$ эмпирикӣ аз $\chi^2$ критикӣ хурдтар аст (ҳангоми ν = 2 и $X^2$ кр. = 5,99). Ба ибораи дигар фанҳои тибқи стандарти давлатӣ таълимшаванда ба

ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ба қадри кофӣ мусоидат намекунанд.

Ҳадафи зерфасли дуюми боби сеюм **«Таҳлили натиҷаҳои озмоиши санҷишӣ барои ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ»** асоснокнамоии маҳсулнокии барномаи ташаккули омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта маҳсуб меёбад.

Бо ин мақсад ташхиси такрории ҳамаи ҷузъҳои омодагӣ дар давраи санҷишии озмоиш дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ гузаронида шуд. Дар давраи санҷишии озмоиш 79 донишҷӯи курси 4 (40 нафар дар гурӯҳи озмоишӣ ва 39 нафар дар гурӯҳи санҷишӣ) ширкат намуданд. Барои муайян намудан муҳимии фарқият дар дохили гурӯҳҳои озмоишӣ мо аз меъёри омории $\chi^2$ истифода намудем.

Натиҷаи таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои лаёқати ақлӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Барои коркарди омории нишондиҳандаҳои озмоишӣ мо U меъёри Ман-Уитниро истифода намудем, ки фарқиятҳои омории муҳим дар мавриди $P<0,05$ мушоҳида мегарданд. Аз ҷадвал аён аст, ки дар давраи озмоиши дақиққунанда натиҷаҳои омории муҳим ба мушоҳида намерасанд, дар ҳоле ки дар давраи санҷишии озмоиш дар гурӯҳи озмоишӣ тағйиротҳои назарраси аз лиҳози оморӣ муҳим ба амал омаданд. Ҳамин тариқ, хулоса намудан мумкин аст, ки ба ташаккули омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта барномаи ташаккулдиҳанда мусоидат намуд.

Натиҷаи ҷамъбастшудаи ташхиси омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ то татбиқи барномаи ташаккулдиҳанда ва пас аз он имкон медиҳад оид ба тамоюли мусбӣ ҳарф занем. Он пеш аз ҳама дар афзоиши теъдоди донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ, ки зинаи баланди омодагии касбӣ-шахсиро барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ зоҳир намуданд, ифода меёбад. Дар гурӯҳи санҷишӣ чунин тамоюл ба назар намерасад (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 4**

## Тақсимоти донишҷӯён-психологҳои гурӯҳҳои санҷишию озмоишӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои омодагии касбӣ-шахсияшон барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ

| Нишондиҳан-даҳо | Гурӯҳҳо | Зинаҳои инкишоф | | | P |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Баланд | Миёна | Паст | |
| Тамоюл барои кор бо кӯдакони болаёқат | ГО. Давраи дақиққунанда | 4 (4,8%) | 34 (40,5%) | 4 (4,8%) | 0,308 |
| | ГС Давраи дақиққунанда | 4 (4,8%) | 32 (38,1%) | 6 (7,1%) | |
| | ГО. Давраи санҷишӣ | 14 (17,7%) | 24 (30,3%) | 2 (2,5%) | 0,01 |
| | ГС Давраи санҷишӣ | 5 (6,3%) | 29 (36,7%) | 5 (6,3%) | |
| Абнотивнокӣ | ГО. Давраи дақиққунанда | 7 (8,9%) | 33 (43%) | 1 (1,3%) | 0,315 |
| | ГС. Давраи дақиққунанда | 9 (11,4%) | 33 (41,8%) | - | |
| | ГО. Давраи санҷишӣ | 20 (25%) | 21 (26,6%) | - | 0,01 |
| | ГС Давраи санҷишӣ | 9 (11,4%) | 30 (38%) | - | |
| Тамоюл ба худтакомул-диҳӣ | ГО. Давраи дақиққунанда | 25 (29,8%) | 15 (17,8%) | 2 (2,3%) | 0,291 |
| | ГС Давраи дақиққунанда | 29 (34,5%) | 12 (14,3%) | 1 (1,2%) | |
| | ГО. Давраи санҷишӣ | 35 (44,3%) | 5 (6,3%) | - | 0,03 |
| | ГС Давраи санҷишӣ | 27 (34,2%) | 11 (13,9%) | 1 (1,3%) | |
| Қобилиятҳои ташкилотчигӣ | ГО. Давраи дақиққунанда | 8 (10,1%) | 13 (15,4%) | 24 (28,5%) | 0,323 |
| | ГС Давраи дақиққунанда | 6 (7,1%) | 15 (17,4%) | 18 (21,4%) | |
| | ГО. Давраи санҷишӣ | 16 (20,2%) | 21 (26,5%) | 3 (3,8%) | 0,01 |
| | ГС Давраи санҷишӣ | 9 (11,3%) | 18 (22,7%) | 13 (16,4%) | |
| Қобилиятҳои коммуника-тивӣ | ГО. Давраи дақиққунанда | 9 (10,7%) | 19 (22,6%) | 17 (20,2%) | 0,333 |
| | ГС Давраи дақиққунанда | 7 (8,3%) | 15 (17,8%) | 17 (20,2%) | |
| | ГО Давраи санҷишӣ | 17 (21,5%) | 19 (24%) | 4 (5,1%) | 0,01 |
| | ГС Давраи санҷишӣ | 9 (11,3%) | 18 (22,7%) | 12 (15,2%) | |

**Ҷадвали 5**

**Таҳлили муқоисавии инкишофи ҷузъҳои сохтории омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар давраҳои дақиқкунанда ва озмоишии тадқиқот**

| Гурӯҳҳо | Теъд. озм | Ҷузъҳои омодагии касбӣ-шахсӣ барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ ва зинаҳои инкишофи он | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шахсӣ | | | Маърифатӣ | | | Фаъолиятӣ | | |
| | | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
| Озм. | | 25 (31,6%) | 14 (17,7%) | 1 (1,3%) | 28 (35%) | 9 (11,4%) | 3 (3,8%) | 21 (25,3%) | 15 (19%) | 4 (5,1%) |
| Санҷ. | | 13 (16,4%) | 23 (29,1%) | 3 (3,8%) | 12 (15,4%) | 18 (22,8%) | 9 (11,4%) | 8 (10,1%) | 18 (22,8%) | 13 (6,4%) |
| $\chi^2$муш. | | 6,96 | | | 12,44 | | | 7,935 | | |
| $\chi^2$крит. | | 5,99 | | | 5,99 | | | 5,99 | | |

Чуноне аз ҷадвал аён аст, аз рӯи ҳамаи ҷанбаҳои омодагии касбӣ-шахсӣ миёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ тағйироти назаррас мушоҳида мегарданд. Муҳиммии ин дигаргуниҳоро қиммати $\chi^2$мушоҳидашаванда, ки аз $\chi^2$ критикӣ бештар аст, тасдиқ мекунад.

Дар ҷадвали 6 ва расми 2 натиҷаи ташхиси гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ дар давраҳои санҷишӣ ва озмоишии тадқиқот оварда шудаанд.

**Ҷадвали 6**

**Зинаҳои касбӣ-шахсии омодагии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар давраи озмоиши дақиқкунанда дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ**

| Зинаҳои омодагии касбӣ-шахсӣ | Давраҳои озмоиш | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Дақиқкунан-да ГО | Дақиқку-нанда ГС | Озмоишӣ ГО | Озмои-шӣ ГС |
| Баланд | 8 (9,5%%) | 7 (8,3%) | 24 (30,4%) | 11 (14%) |
| Миёна | 20 (23,8%) | 19 (22,6%) | 13 (16,4%) | 19 (24%) |
| Паст | 14 (17%0 | 3 (3,8%) | 3 (3,8%) | 9 (11,4%) |




**Расми 2. Таҳлили муқоисавии дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ дар давраҳои озмоишӣ ва дақиқкунандаи озмоиш**

Барои асоснокнамоии натиҷаҳои бадастомада мо нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоиширо тавассути меъёри $\chi^2$ санҷидем (ҷадв. 7).

**Ҷадвали 7**

**Санҷиши омодагии психологӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои лаёқати ақлӣ дар давраи озмоиши дақиққунанда тавассути меъери $\chi^2$**

| Зинаҳои Омодагӣ | Алтернативаҳо | $f$э | $f$т | ($f$э – $f$т) | ($f$э – $f$т)$^2$ | ($f$э – $f$т)$^2$ / $f$т |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Баланд | 1.1 | 25 | 18 | 7 | 49 | 2,72 |
| | 1.2 | 11 | 18 | -7 | 49 | 2,038 |
| Миёна | 2.1 | 13 | 16 | -3 | 9 | 0,56 |
| | 2.2 | 19 | 16 | 3 | 9 | 0,56 |
| Паст | 3.1 | 2 | 6 | -4 | 16 | 2,66 |
| | 3.2 | 9 | 6 | 3 | 9 | 1,5 |
| Дар умум | | 79 | 79 | 0 | | $\chi^2$ эмп. =10,72 |

Дигаргуниҳои бадастомада дар минтақаи муҳим ҷойгир гаштанд (қиммати $\chi^2$ эмпирикӣ аз $\chi^2$ критикӣ бештар аст), яъне натиҷаҳо аз ҷиҳати оморӣ муҳимманд.

Ба андешаи мо, тағйиротҳои дар гурӯҳи озмоишӣ ба амаломада натиҷаи таъсири барномаи ташаккулдиҳандаи мо мебошад.

Бо дарназардошти он ки меъёри $\chi^2$ метавонад барои ошкор намудани монандӣ ва фарқияти зуҳурот дар доираи як гурӯҳи озмудашавандаҳо истифода гардад, мо онро барои тасдиқи фарзияаамон дар мавриди таъсири мутақобилаи ҷузъҳои таркибии омодагии касбӣ-шахсӣ истифода намудем.

Бо ин мақсад маълумоти бадастомадаро ба тариқи зерин дар ҷадвал ҷой медиҳем:

**Ҷадвали 8**

**Таъсири байниҳамии ҷузъҳои шахсӣ ва маърифатии омодагии касбӣ-шахсӣ барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ**

| Ҷузъи шахсӣ | Ҷузъи маърифатӣ | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | паст | Миёна | баланд | |
| **паст** | A 1 (0,075) | B 0 (0,225) | C 0 (0,7) | **1** |
| **миёна** | D 2 (1,05) | E 8 (3,15) | F 4 (9,8) | **14** |
| **баланд** | G 0 (1,9) | H 1 (5,6) | J 24 (17,5) | **25** |
| **Дар умум** | **3** | **9** | **28** | **40** |

Аз формула истифода намуда меёбем: $X^2$ эмп. $= 31{,}35$

Дигаргуниҳо дар минтақаи муҳим қарор гирифтанд, яъне аз ҷиҳати оморӣ муҳимманд. Ба ибораи дигар, ҷузъи шахсӣ ба ҷузъи маърифатӣ таъсир мерасонад.

Ба ҳамин монанд фарзияи худро дар мавриди таъсири байниҳамии ҷузъҳои шахсӣ ва фаъолиятӣ месанҷем (ҷадв. 9).

**Ҷадвали 9**

**Таъсири байниҳамии ҷанбаҳои шахсӣ ва маърифатии омодагии касбӣ-шахсӣ барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ**

| **Ҷузъи шахсӣ** | **Ҷузъи маърифатӣ** | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| | **паст** | **Миёна** | **баланд** | |
| **паст** | A 1 (0,1) | B 0 (0,375) | C 0 (0,525) | **1** |
| **миёна** | D 2 (1,4) | E 10 (5,25) | F 2 (7,35) | **14** |
| **баланд** | G 1 (2,5) | H 5 (1,875 | J 19 (9,375) | **25** |
| **Дар умум** | **4** | **15** | **21** | **40** |

Аз формула истифода намуда меёбем: $X^2$ эмп. $= 33{,}45$

Дигаргуниҳо дар минтақаи муҳим қарор гирифтанд, яъне аз ҷиҳати оморӣ муҳимманд. Ба ибораи дигар, ҷузъи шахсӣ ба ҷузъи фаъолият таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, фарзияи мо дар мавриди таъсири байниҳамии ҷузъҳои омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ асоснок гардид.

Ба ҳамин монанд, аз формулаи мазкур истифода намуда, таъсири омодагии касбӣ-шахсии психологҳоиояндаро барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ бо интихоби амсилаи ҳамкорӣ бо кӯдакон санҷидан мумкин аст (ҷадв. 10).

**Ҷадвали 10**

**Таъсири омодагии касбӣ-шахсии психологҳоиояндаро барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта бо интихоби амсилаи ҳамкорӣ бо кӯдакон**

| Зинаҳои омодагӣ | Амсилаи ҳамкорӣ бо кӯдак | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Паст | Миёна | баланд | |
| паст | A 2 (0,375) | B 1 (1,2) | C 0 (1,425) | 3 |
| миёна | D 2 (1,625) | E8 (5,2) | F 3 (6,175) | 13 |
| баланд | G 1 (3) | H 7 (9,6) | J 16 (11,4) | 24 |
| Дар умум | 5 | 16 | 19 | 40 |

Аз формула истифода намуда меёбем: $X^2$ эмп. $= 14{,}49$

Дигаргуниҳо дар минтақаи муҳим қарор гирифтанд, яъне аз ҷиҳати оморӣ муҳимманд. Ба ибораи дигар, аз зинаи ташаккули омодагии касбӣ-шахсӣ интихоби амсилаи ҳамкорӣ бо кӯдак вобастааст.

Ҳамин тариқ, тахлили оморӣ фарзияи моро дар мавриди таъсири мусоиди зинаи баланди омодагии касбӣ-шахсӣ барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ ба интихоби амсилаи ҳамкорӣ бо кӯдакон тасдиқ мекунад: донишҷӯёни дорои дараҷаи баланди омодагӣ амсилаи ҳамкории шахсиро бо кӯдакон афзал мешуморанд, донишҷӯёни дорои дараҷаи пасти омодагӣ бошанд, амсилаи ҳамкории таълимӣ-интизомиро беҳтар мешуморанд.

## ХУЛОСА

***Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия***

1. Таҳлили раҳёфтҳои гуногун оид ба масъалаи лаёқати ақлӣ нишон дод, ки муҳаққиқон мураккабӣ ва серпаҳлуии сохтори лаёқатро, ки дар баробари қобилиятҳои ақлӣ метавонад қобилиятҳои эҷодӣ ва сифатҳои шахсии фардро дар бар мегирад, эътироф мекунанд. Бо назардошти ин, мо лаёқати ақлиро ҳамчун мувофиқаи имкониятҳои ақлӣ ва эҷодии шахс дида мебароем, ки бо афзалияти маромнокии маърифатӣ, суръати тези инкишофи психикӣ ва ҳассосии баланд ба навгониҳо тавсиф меёбад. Андешаҳои муҳаққиқони гуногунро ҷамъбаст намуда, мо меъёрҳо ва аломатҳои зерини лаёқати ақлиро ҷудо намудем: қобилиятҳои ақлӣ ё худ интеллект (фаъолии интеллектуалӣ, инкишофи зинаҳои тафаккур, мавҷудияти эҳсосоти интеллектуалӣ (ҳайрат, кунҷкобӣ), ташаббуси интеллектуалӣ ва амсоли ин); қобилиятҳои эҷодӣ (тафаккури дивергентӣ, эҷодкорӣ, тафаккури маҳсулнок, майл ба маҳсули эҷодӣ ва ғ.); маромнокии маърифатӣ (талаботи баланди маърифатӣ, саргармӣ ба меҳнати фикрӣ ва ғ.); сифатҳои иҷтимоӣ-шахсӣ (мувофиқаи қобилиятҳои фикрӣ ва малакаҳои иҷтимоии ҳамкорӣ бо дигар одамон, салоҳиятмандии иҷтимоӣ, мутобиқшавандагӣ ва амсоли ин) [1-М].

2. Омодагии касбӣ-шахсии психологи ояндаи таҳсилот барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ тавсифоти мураккабу таркибии психолог маҳсуб меёбад, ки дар иҷрои самараноки фаъолияти касбии марбути ҳамроҳии тахассусии психологию педагогии кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, волидон ва педагогҳои онҳо зоҳир мегардад [4 - М].

3. Ба таркиби ҷузъи шахсии омодагии касбӣ-шахсӣ инҳо шомиланд: абнотивнокӣ, рефлексия, майл ба кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, арзишмандии рушди кӯдаки дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, маромнокии ифодаёфтаи худтакомулдиҳӣ. Ба таркиби ҷузъи фаъолиятии омодагии касбӣ-шахсӣ инҳо шомиланд: ба зудӣ худро ба даст гирифтан дар вазъиятҳои душвор, дар коллективи нав худро озод эҳсос намудан, ташаббускорӣ, маҳорати дар корҳои муҳим ё вазъиятҳои мураккаб қарори мустақилона қабул намудан, андешаи худро истодагарӣ кардан, маҳорати дар маҳфили ношинос ба дигарон илҳом бахшидан, маҳорати ташкил намудани чорабаниҳои гуногун, бозиҳои ҷолиб, маҳорат ва малакаҳои ташхис, ҳамроҳӣ ва дастгирӣ намудани кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта, волидон ва педагогҳо, коркарди хатсайри фардии маърифатӣ ва амсоли ин. Ба таркиби ҷузъи маърифатии омодагии касбӣ-шахсӣ

тасаввуроти психологҳои оянда оид ба инкишофи инсон, самтгирӣ аз меъёрҳои объективии инкишофи психикӣ, эътирофи мухторияти шахс, майл ба меъёрҳои мураккаби инкишофи иҷтимоии шахс, тасаввурот оид ба мазмуни фаъолияти психолог дар самти ҳамроҳии психологии муаллимон, волидон ва худи хонандагони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ, донишҳои муосири ҳамгиро дар мавриди махсусияти инкишоф, таълим ва тарбияи кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ шомиланд [5 - М].

4. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот зинаҳои омодагии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ муайян гаштанд: зинаи салоҳиятмандӣ, зинаи донишмандӣ ва зинаи бетафовутӣ. Донишҷӯёни дар зинаи аввал қарордошта бо майли ифодаёфта барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ фарқ мекарданд, онҳо дар раванди гузаронидани тренинги психологӣ-педагогӣ ва дигар методҳои фаъоли таълим нисбатан фаъол, дар иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва кор бо кӯдакону волидон ва педагогҳо дар раванди таҷрибаомӯзӣ масъулиятшинос буданд. Донишҷӯёни зинаи дуюм бештар ба донишҳо ва маълумоти илмӣ дар мавриди масъалаи лаёқат майл доштанд. Онҳоро ҷанбаҳои амалии кор бо кӯдакони мазкур камтар ҷалб мекарданд. Донишҷӯёни зинаи сеюмро майл ба расмиятпарастӣ, як қадар беэътиборӣ ба машғулиятҳо ва масъалаи лаёқат, майл ба рафтори авторитарӣ нисбати кӯдакон тавсиф медоданд [4-М].

5. Амсила ва барномаи ташаккули омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ коркард гардида, дар амалияи мактаби олӣ татбиқ гардонида шуд, ки ба мавқеъҳои раҳёфти системавӣ-фаъолиятӣ такя мекунад. Маҳсулнокии татбиқи тамсиларо пайдарҳамии амалигардонии барномаи ташаккулдиҳанда муайян сохт: давраи аввал ташаккули ҷузъи шахсиро тавассути тренинги психологӣ-педагогӣ дар назар дорад; давраи дуюм ба инкишофи ҷузъи маърифатӣ тавассути аз ҷониби донишҷӯён азхуд гаштани курси «Асосҳои психологӣ-педагогии кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта» равона гаштааст; давраи сеюм ташаккули ҷузъи фаъолияти омодагии донишҷӯён-психологҳоро тавассути гузаштани таҷрибаомӯзии психологӣ-педагогӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар назар дорад [4-М].

6. Таҳлили омории маълумоти аз натиҷаи озмоиши ташаккулдиҳанда бадастомада аз таъсири мусбати барномаи ташаккулдиҳанда ба омодагии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ гувоҳӣ медиҳанд. Муҳиммии тағйироти бавуҷудомадаро қиммати $\chi^2$-и мушоҳодашаванда (10,72), ки аз $\chi^2$-и ниҳоӣ (5,99) [5-А] зиёдтар аст, гувоҳӣ медиҳад [5-М].

7. Шароитҳои зерини психологӣ-педагогии татбиқи бонизоми барномаи ташаккулдиҳанда ошкор гардиданд: ташаккули омодагӣ дар ягонагии ҳамаи ҷузъҳои таркибияш; ҳамкории таълимию касбӣ ва эҷодии иштирокчиёни раванди таълим дар рафти татбиқи барномаи ташаккулдиҳанда; табдили донишҳои илмии назариявӣ ба маҳорату

малакаҳои воқеии кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта; фароҳам овардани муносибатҳои созанда ҳангоми ҳамкории субектҳои раванди таълим, амсиласозии мақсадноки вазъиятҳои рушди сифатҳои мувофиқи касбию шахсӣ; татбиқи механизмҳои худназорат ва худтакомулдиҳӣ дар донишҷӯён-психологҳои оянда [5-М].

8. Ҷанбаҳои омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар раванди таъсироти байниҳамӣ ва ҳамкорӣ қарор доранд. Ҷанбаи шахсӣ ба дигар ҷанбаҳои омодагӣ таъсири ташаккулдиҳанда дорад [6-М].

9. Таҳқиқот алоқамандиро миёни зинаи баланди омодагии касбӣ-шахсӣ барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ва интиҳоби амсилаи ҳамкорӣ бо кӯдакон ошкор намуд. Зинаи баланди омодагӣ интихоби амсилаи ба шахс нигаронидашудаи ҳамкориро бо кӯдакон муайян месозад, ки заминаи мусоидро барои кори муваффақонаи психолог ба кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ фароҳам меорад [6-М].

10. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзгорони донишгоҳ ҷиҳати ташкили самараноки раванди ташаккули омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта тавсияҳо коркард шуданд [7-М].

**Тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия**

1. Омодагии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-касбии онҳо барои азхуд намудани касби интихобшуда ташаккул меёбад. Бо дарназрдошти ин, ба ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён диққати ҷиддӣ додан зарур аст.

2. Таълиме, ки мувофиқи принсипҳои раҳёфти системавӣ-фаъолиятӣ сурат мегирад, метавонад ба сифати заминаи мусоид барои ҳамкории психологҳои оянда бо кӯдакони гуногун, аз ҷумла кӯдакони болаёқат баромад кунад.

3. Ҳангоми татбиқи барномаи ташаккули омодагии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои нишонаҳои лаёқати ақлӣ мебояд ба сохтори психологии он такя намуд, ки мувофиқи он ҷузъи шахсӣ пешбар буда, ба ташаккули ҷузъҳои дигар таъсир мерасонад. Ташаккули ҷузъи шахсӣ тавассути гузаронидани тренинги психологӣ-педагогӣ имконпазир мегарданд.

4. Дар раванди тренинг дар донишҷӯён ҷунин сифатҳои муҳимми касбӣ ва шахсӣ аз қабили маҳорати кор кардан дар гурӯҳ, таҳлили фаъолияти худ, худтаҳлилнамоӣ, эмпатия, худмуаррифинамоӣ, абнотивнокӣ, майл ба худтакмилдиҳӣ, майл ба кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати зеҳнӣ, талаботи донишҷӯён ба донишҳои психологӣ-педагогӣ оид ба хонандагони дорои аломатҳои лаёқати зеҳнӣ ва воситаҳои ҳамкорӣ бо онҳо.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмонов Гулрӯз Нурмаҳмадович дар мавзӯи «Омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи омӯзгорӣ**

**Калидвожаҳо:** психология, проблема, кӯдакони болаёқат, аломатҳои лаёқати ақлӣ, омодагӣ, омодагии касбӣ-шахсӣ, ташаккул, барномаи ташаккулдиҳӣ, барномаи ташхисӣ, шароитҳои психологӣ-педагогӣ.

**Мақсади таҳқиқот** - муайян намудани сохтор ва мазмуни омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ва ошкор намудани шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули он маҳсуб меёбад.

**Асосҳои методологии тадқиқотро** маҷмӯи методҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ, инчунин принсипҳои методологияи тадқиқоти психологӣ ташкил додаанд. Дар тадқиқот методҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, муқоиса), эмпирикӣ (анкета, суҳбат); ташхисӣ (тестгузаронӣ) истифода бурда шудаанд, ки ягонагии ташхиси психологиро таъмин намуданд.

**Навоварии илмии** таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки меъёрҳо ва аломатҳои лаёқати ақлӣ дақиқ карда шуданд, махсусияти омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда ба фаъолияти касбӣ дар муносибат ба кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта дида баромада шуд, сохтори омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта, муайян гардид, ки аз ҷузъҳои зерин таркиб ёфтааст: шахсӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ; нишондиҳандаҳои асосии ҳар як ҷузъ ошкор карда шуданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкурро корҳои тадқиқотчиёни ватанию рус (Амонов Н.К., Атохонов Р., Ю.Д. Бабаева, Д.Б. Богоявленская, Н.С. Лейтес, А.М. Матюшкин, В.И. Панов, С.Л. Рубинштейн, А. И. Савенков, Б.М. Теплов, М.А. Холодная) ва хориҷӣ (Э. Де Боно, Ҷ. Гилфорд, Э. Ландау, Ҷ. Рензулли, П. Торренс, Ҷ. Фримен, К. Хеллер ва диг.), ки ба масъалаи лаёқат марбутанд ва инчунин корҳое, ки ба ҷабҳаҳои психологию педагогии инкишофи касбии психологи оянда дар давраи донишҷӯӣ бахшида шуданд (М.М. Балашов, Т.М. Буякас, Т.Л. Верняева, Т.Н. Клюева, И.В. Коновалова, Л.В Лежнина, М.И. Лукянова, А.А. Марголис, В.В. Рубтсов, И.А. Савенкова ва диг.), ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот** дар муайян намудани ҷузъҳои таркибии омодагии касбӣ-шахсии психологи оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта, муайян намудани мазмуни ҷузъҳои мазкур, ошкор сохтани шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули омодагии касбӣ-шахсии психологи оянда барои кор бо кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ифода меёбад.

## АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Абдурахмонова Гулруза Нурмахмадовича на тему «Профессионально-личностная готовность будущих психологов к работе с детьми с признаками интеллектуальной одаренности» на соискание ученой степени кандидата психологических наук по специальности 19.00.07 - Педагогичекая психология (психологические науки)**

**Ключевые слова:** психология, проблема, одарённые дети, признаки интеллектуальной одарённости, готовность, профессионально-личностная готовность, формирование, формирующая программа, диагностическая программа, модель формирования, психолого-педагогические условия.

**Целью диссертационного исследования** является определение структуры и содержания профессионально-личностной готовности будущих психологов к работе с детьми с признаками интеллектуальной одаренности и выявление психолого-педагогических условий ее формирования и развития.

**Методологиские основы исследования -** анализ психолого-педагогической литературы по проблеме исследования; изучение, теоретическое обоснование и отбор необходимого содержания, технологий, методов, приемов и средств формирования профессионально-личностной готовности будущих психологов кработе с одаренными детьми.

**Научная новизна** исследования состоит в том, что уточнены критерии и признаки интеллектуальной одаренности у детей, рассмотрена специфика профессионально-личностной готовности будущих психологов к профессиональной деятельности применительно к работе с детьми с признаками интеллектуальной одаренности, определена структура профессионально-личностной готовности

**Теоретическую основу** данного исследования составляют работы отечественных (Амонов Н.К., Атахонов Р., Ю. Д. Бабаева, Д.Б. Богоявленская, Н.С. Лейтес, А.М. Матюшкин, В.И. Панов, С.Л. Рубинштейн, А.И. Савенков, Б.М. Теплов, М.А. Холодная) и зарубежных (Э. Де Боно, Дж. Гилфорд, Э. Ландау, Дж. Рензулли, П. Торренс, Дж. Фримен, К. Хеллер) ученых, посвященных проблемам одаренности а так же работы, посвященные психолого-педагогическим аспектам профессионального развития будущего психолога на вузовском этапе его становления (Т.М. Буякас, Т.Л. Верняева, Т.Н. Клюева, И.В. Коновалова, Л.В Лежнина, М.И. Лукьянова, А.А. Марголис, В.В. Рубцов, И.А. Савенкова и др.).

**Научно-практическая значимость диссертационного исследования** состоит в том, что в работевыявлены компоненты, составляющие основу профессионально-личностной готовности будущего психолога к работе с детьми, имеющими признаки умственной одаренности.

## ANNOTATION

**to the abstract of the dissertation by Abdurakhmonov Gulruz Nurmakhmadov on the topic "Professional and personal readiness of future psychologists to work with children with signs of intellectual giftedness" for the degree of candidate of psychological sciences, specialty 19.00.07 - Pedagogical Psychology**

**Key words:** psychology, problem, gifted children, signs of intellectual giftedness, readiness, professional and personal readiness, formation, formative program, diagnostic program, formation model, psychological and pedagogical conditions.

**The purpose of the dissertation research** is to determine the structure and content of the professional and personal readiness of future psychologists to work with children with signs of intellectual giftedness and to identify the psychological and pedagogical conditions for its formation and development.

**Methodological foundations** of the research - analysis of psychological and pedagogical literature on the research problem; study, theoretical substantiation and selection of the required content, technologies, methods, techniques and means of forming the professional and personal readiness of future psychologists to work with gifted children.

**The scientific novelty** of the research lies in the fact that the criteria and signs of intellectual giftedness in children have been clarified, the specificity of the professional and personal readiness of future psychologists for professional activity is considered in relation to working with children with signs of intellectual giftedness. , the structure of professional and personal readiness is determined

The theoretical basis of this research is the work of domestic (Amonov N.K., Atakhonov R., Yu.D. Babaeva, D. B. Bogoyavlenskaya, N.S. Leites, A.M. Matyushkin, V.I. Panov, S. L. Rubinstein, A.I.Savenkov, B.M. Teplov, M.A.Kholodnaya) and foreign (E. De Bono, J. Guilford, E. Landau, J. Renzulli, P. Torrance, J. Freeman, K. Heller) of scientists devoted to the problems of giftedness, as well as works devoted to the psychological and pedagogical aspects of the professional development of a future psychologist at the university stage of his formation (T.M.Buyakas, T.L. Vernyaeva, T.N. Klyueva, I.V. Konovalova, L.V. Lezhnina, M.I.Lukyanova, A.A.Margolis, V.V. Rubtsov, I.A. Savenkova, etc.).

**The scientific and practical significance** of the dissertation research is that the work identifies the components that form the basis of the professional and personal readiness of the future psychologist to work with children who have signs of mental giftedness.

Подписано в печать 12.07. 2022 г. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать офсетная.
Формат 60x84 $^{1}/_{16}$. Тираж 60 экз. Заказ №40.

Отпечатано в типографии "Сифат",
г. Душанбе, ул. Айни 126.